# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи "Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Примов Муҳсин, ба яке аз масъалаҳои мубрами низоми маорифи муосир, яъне **асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими технологияҳои иттилоотӣ** бахшида шудааст. Мубрамияти он, пеш аз ҳама, бо тағйироти амиқи ҷомеаи иттилоотӣ, зарурати такмили доимии низоми таҳсилот, ҳамчунин бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди маориф ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пайванди мустақим дорад.

Ҳамин ҷараёнҳо зарурияти тадқиқи илмиро ба миён овардаанд, зеро истифодаи босамар ва бехатари компютер дар раванди таълим на танҳо ба сифати дониш ва малакаи хонандагон таъсир мерасонад, балки ҷузъи муҳими фарҳанги умумии иттилоотӣ ва масъулияти иҷтимоӣ низ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқот ба масъалаи муносибати арзишӣ ва эҳтиёткоронаи хонандагон нисбат ба технологияҳои иттилоотӣ равона гардидааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки харчанд масъалаҳои гуногуни ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар асарҳои як қатор олимони ватаниву хориҷӣ баррасӣ шудаанд, вале **масъалаи ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба компютер дар заминаи таълими мактабӣ** то кунун ба таври мустақил ва мукаммал мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Ин ҳолигӣ зарурати тадқиқоти мавриди назарро тақвият мебахшад.

Диссертатсия бо барномаҳои дурнамои илмии муассисаҳои олӣ ва ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 робитаи мустаҳкам дошта, ҳамчун як тадқиқоти таҷрибавӣ-назариявӣ тарҳрезӣ шудааст. Навгонии илмии он дар баррасии мушаххаси шароити методологӣ ва коркарди амсилаи методӣ ифода ёфта, аҳамияти он дар самти такмили методикаи таълими технологияҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии иттилоотии хонандагон назаррас арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯи мазкур саривақтӣ ва муҳим буда, ба талаботи сиёсати давлатӣ, ниёзҳои низоми маориф ва ҳадафҳои стратегии рушди кишвар мувофиқ аст.

Муаллиф ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки таъмини раванди таҳсил ва истироҳати хонандагон дар шароити муосир бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама компютер, ғайриимкон аст. Ин баёнгар аст, ки мавзуи боби мазкур бо воқеият ва талаботи замон мутобиқ мебошад. Зеро масъалаи ҷойивазкунии воситаҳои техникӣ аз телевизору магнитофон то компютеру тахтаҳои интерактивӣ ва китобҳои электронӣ дар ин кори таҳқиқи хуб баррасӣ шудааст. Ин таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи омӯзиши технологияҳоро дар заминаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ хуб арзёбӣ намудааст.

Ҳамчунин муаллиф бо асоснокӣ нишон медиҳад, ки маҳз компютер ҳамчун воситаи марказии таълимӣ қодир аст як қатор вазифаҳои муҳим, аз ҷумла ҳамоҳангсозии маводи таълимӣ бо имкониятҳои шахсии муҳассилон, гуногунсоҳавӣ ва кори гурӯҳӣ, интерактивӣ ва ҳамкории фаъол бо хонандагон, назорати кори инфиродии хонандагон берун аз синфхона ва ғайраро иҷро намояд. Ин масъалаҳо равиши методии таҳқиқи муаллифро пурқувват сохтаанд.

Яке аз муҳассаноти муҳим ин аст, ки дар баробари афзалиятҳои истифодаи компютер, муаллиф таъсири манфии аз меъёр зиёди он ба

саломатӣ ва рафтори хонандагонро низ нишон додааст. Баррасии ҳолати вобастагии равонӣ аз компютер бо нишонаҳои мушаххас (аз гум шудани шавқ ба дигар фаъолиятҳо то кам шудани робита бо волидайн) тадқиқотро воқеъбинона ва мукаммал гардонидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсия дорои як қатор муҳассаноти назаррас аст, ки ҳамин ҷанбаҳо ба тадқиқот мазмуни назариявӣ ва амалии баланд бахшида, масъалаҳои таҳқиқшавандаро ҳамчун пояи муҳими минбаъдаи кори илмӣ арзёбӣ намудаанд.

*Гарчанде муаллиф дар боби якум афзалиятҳо ва паёмадҳои истифодаи компютерро бо пешниҳоду механизму усулҳои мушаххас муфассал баррасӣ кардааст, масъалаи роҳҳои пешгирӣ ваислоҳи вобастагии хонандагон аз компютер ба андешаи мо камтар сатҳӣ баррасӣ шудааст.*

Аммо ин нуқсон ба арзиши назариявию амалӣ ва аҳамияти натиҷаҳои асосии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонад ва муаллифи он Примов Муҳсинҷон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси талабкарда мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини директори Агентии
ҳифзи мероси таърихию
фарҳангии назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Саидnуриддинзода А.С.**

“Имзои Саиднуриддинзода Аҳлиддин
Саиднуриддинро тасдиқ мекунам”
сардори Шуъбаи кадрҳо, корҳои
махсус ва ҳуқуқ Амирзода С.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ